**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 69/2с
аз «26» 05 соли 2022

Хулоса оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ” ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақомоти ваколатдор лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, хулосаи зерин пешниҳод мегардад:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба лоиҳаи мазкур риоя гардидааст.

2. Дар моддаҳои 12, 13, 14, 20, 22, 24 ва қисми 2 моддаи 27 лоиҳа ухдадориҳо барои ширкати сохтмонӣ вобаста ба таъмини риояи қоидаҳои корҳои сохтмонӣ-васлнамоӣ, бехатарӣ ва сифати масолеҳи сохтмонӣ, мақсаднок ва танҳо барои сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ истифода бурдани воситаҳои пулии пардохтнамудаи ҳиссагузорон ва дар муҳлати пешбининамудаи шартнома пешниҳод намудани объекти сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ, пешбинӣ шудааст.

Маҳдудиятҳо барои ширкатҳои сохмонӣ дар лоиҳа пешбинӣ нашудааст.

3. Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегардад.

4. Роҳи интихобшуда барои ҳалли мушкилот асоснок буда, лоиҳаи мазкур барои танзими масъалаҳои сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ меъёрҳои дахлдорро пешбинӣ менамояд ва манфиатҳои қонунии ҳиссагузорон ва ширкатҳои сохтмониро дар ин самт ҳифз менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.